## Тақриз

**роҳбари кори диссертатсионии Тураев Абунаср Маҳмадхоҷаевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои грамматикӣ ва лексикии муъарработи забони форсӣ (тоҷикӣ) дар забони арабӣ» (дар асоси маводи «Фарҳанги ҷомеи корбурдии Фарзон» - и Парвизи Атобакӣ)**

Кори диссертатсионии Тураев Абунаср Маҳмадхоҷаевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои грамматикӣ ва лексикии муъарработи забони форсӣ (тоҷикӣ) дар забони арабӣ» ба яке аз масъалаҳои муҳими арабшиносӣ ва тоҷикшиносӣ, яъне таъсири мутақобилаи забонҳои форсӣ (тоҷикӣ) ва арабӣ бахшида шуда, ба сурати мушаххас, падидаи забншиносии «ал-муъарработ» (калимаҳои) арабишудаи форсӣ (тоҷикӣ) дар забони арабӣ, дар асоси яке аз фарҳангҳои муосир ва муътабари арабӣ-форсӣ ба номи «Фарҳанги ҷомеи корбурдии Фарзон» дар таҳияи арабшиноси шинохтаи Эрон Парвизи Атобакӣ мавриди таҳқиқи забоншиносӣ қарор гирифтааст.

Тураев А. М. ҳангоми таҳқиқи мавзӯи диссертатсионии мазкур худро ба ҳайси унвонҷӯ барои анҷоми корҳои таҳқиқотӣ, чун муҳаққиқи лаёқатманд нишон дода, тамаюлоти хуби илӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи забошиносии араб ва забошиносии тоҷик зоҳир намуд. Дар рафти омӯзиш ва таҳқиқу баррасии мавзӯи мазкур, ба сурати ҷидди ва мукаммал адабиёти доир ба ин масъалаи илмӣ дар забоншиносии умумӣ ва забоншиносии тоҷик ва араб тавсияшударо сари вақт ва бо салоҳияти хуби илмӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, тавонист маводи мавриди таҳқикро аз назари илмӣ омӯхта, адабиёти илмӣ - назариро аз назари танқидӣ баррасӣ карда, кори диссертатсионии худро анҷом диҳад.

Диссертатсия барои арабшиносон - забоншиносон, эроншиносон - забоншиносоне, ки ба омӯзиши масъалаҳои таърихии робитаҳои

забонии забони форсӣ (тоҷикӣ) бо забони арабӣ машғул ва майлу рағбат доранд, ҳамчунин барои шахсоне, ки ба масъалаҳои таълимоти забоншиносии донишмандони Шарқи асримиёнагӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд ва алоқаманд ба таърихи илм муфид мебошад. Таҳқиқи мазкур барои хондани курсҳои махсуси таърихи таълимотҳои забоншиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ ва истилоҳоти забошиносии асримиёнагии забони тоҷикӣ ва арабӣ судманд хоҳад буд.

Муносибати ҷиддии унвонҷӯ нисбат ба мавзӯи интихобгардида, омодагӣ ӯ барои навиштани корҳои илмӣ, саъю кӯшиши ӯ барои дарки моҳияти масъала, натиҷагириҳои далелнок, мазмун ва мундариҷаи кори таҳқиқотӣ ва нуқоти асосии илмии он маро ба ҳайси роҳбари илмии Тураев А. М. водор месозад, ки диссертатсияи ӯро дар мавзӯи «Хусусиятҳои грамматикӣ ва лексикии муъарработи забони форсӣ (тоҷикӣ) дар забони арабӣ» барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D КОА 022 назди ДМТ барои дарёфти дарҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 - забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аарупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (забони форсӣ) тавсия намоям.

**Роҳбари илмӣ,**

**доктори илмҳои филологӣ** **Сулаймонов С.**

**«Тасдиқ мекунам»**

**Садорати раёсати кадрҳои ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**